آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

4 марти соли 2023
Шанбе
№ 18 (14926)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МАСЪАЛАҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАМКОРИИ МУФИДИ ТАРАФАЙН МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***3 март Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев дар шаҳри Чимкент мулоқоти ғайрирасмӣ баргузор намуданд.***



Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва иттифоқии ӯзбекистониву қазоқистонӣ, вусъат додани ҳамкориҳои муфиди тарафайн муҳокима гардиданд.

Ба масъалаи тезондани лоиҳаи кооператсия мувофиқи муоҳидаҳои пештар дар сатҳи олӣ ба дастомада эътибори махсус дода шуд.

Сарони давлатҳо ҳисоботи муовинони Сарвазирони ду мамлакат, ҳамраисони гурӯҳи махсуси кориро дар бораи ҷараёни иҷрои шартномаҳои имзошуда ва қарорҳои қабулгардида шуниданд.

Президентҳо бобати амиқсозии ҳамкории амалии тарафайн дар соҳаҳои саноат, энергетика, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва логистика супоришҳои мушаххас доданд.

Муҳимияти фаъолтар кардани мубодилаҳои маданиву инсондӯстона таъкид гардид.

Ҳамчунин масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи минтақавӣ, ҷадвали чорабиниҳои пешистода баррасӣ шуданд.

Мулоқот дар рӯҳи ошкоро, самимӣ ва муҳити анъанавии дӯстона гузашт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ХАБАР

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ СИЮҲАФТУМИ УМУМИИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

***3 марти соли 2023 дар Тошканд ҷамъомади сиюҳафтуми умумии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон кори худро давом дод.***

Дар он аъзоёни Сенат, ҳукумат, намояндагони вазорату идораҳо, аъзои Парлумони ҷавонони назди Сенат ва кормандони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли конфронси видеоӣ баргузор шуд, таҳти роҳбарии Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева гузашт.

Ҷамъомади умумӣ дар режими онлайн аз тариқи шабакаи Сенат дар YouTube намоиш дода шуд.

Дар рӯзи дуюми кори ҷамъомади умумӣ сенаторон Қонун «Дар бораи ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноӣ, Кодекси ҷиноиву протсессуалии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Кодекси Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи масъулияти маъмурӣ вобаста ба пурзӯр шудани ҷавобгарӣ барои истифодаи ғайриқонунии захираҳои энергетикӣ»-ро муҳокима намуданд.

Қайд гардид, ки бо вуҷуди чораҳои андешидашуда бобати пешгирӣ кардани ҳодисаҳои истифодаи ғайриқонунии захираҳои энергетикӣ ва таъмин сохтани риояи қоидаҳои истифодаи гази табиӣ ва энергияи электрӣ аз ҷониби истеъмолгарон, миқдори вайронкунии қонун вобаста ба истифодаи ғайриқонунии захираҳои энергетикӣ меафзояд.

Аз ҷумла, Прокуратураи генералӣ дар соли 2022-юм ва даврони сипаришудаи соли равон 433 парвандаи ҷиноиро бинобар санадҳои вайрон шудани қонуни истифодаи энергияи электр ва гази табиӣ боз кард. Дар натиҷаи ин ҷиноятҳо ба манфиати давлат дар ҳаҷми 368,1 миллиард сӯм зарари моддӣ расонида шудааст.

(Давомаш дар саҳ.3).

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА ГУЗАРОНДАНИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ ДАР СОЛИ 2023

Бо рӯҳбаландӣ ва шодмонии бузург таҷлил намудани Наврӯз, ки рамзи фарорасии баҳор ва бедоршавии табиат, оғози соли нав аз рӯи тақвими шарқӣ мебошад, ҳамеша аз азал анъанаи аҷиби мардуми мо ба ҳисоб меравад.

Ин ҷашни аҷиб, ки таҷассумгари арзишҳои баланди маънавию ахлоқӣ, орзуву ормонҳои неки мост, дар солҳои истиқлолият воқеан ба ҷашни умумихалқии тамоми ҳамватанон – намояндагони миллату халқиятҳои гуногуни кишвар табдил ёфт.

Рӯҳ ва фалсафаи Наврӯз, ки ғояҳои инсондӯстӣ, накӯкорӣ ва саховатмандӣ, дӯстию ҳамфикрии байни мардум, ҳифзи эҳтиёткоронаи муҳити зистро таҷассум кардааст, ба моҳият ва ҳадафҳои дигаргуниҳое, ки дар Ӯзбекистони Нав анҷом дода шудаанд, комилан ҳамоҳанг аст.

Аҳамияти ҷашни Наврӯз дар таҳкими сулҳу субот, эҳтироми ҳамдигар ва ҳамбастагӣ, ки дар ҷомеаи мо ҳукм мефармояд, пеш аз ҳама дар қалб ва шуури насли наврас пурзӯр гардондани ҳисси дахлдорӣ ба имрӯзу фардои Ватан торафт баланд мегардад.

Бо дарназардошти нақши бузурги Наврӯз дар ҳаёти маънавии мардуми мо ҳамчун замони навсозӣ ва анҷом додани амалҳои нек, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба сифати ҷашни байналмилалӣ эътироф шудааст, инчунин бо мақсади дар сатҳи муносиб, мувофиқи арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ баргузор намудани он:

**1.** Ҷашни Наврӯзи соли 2023 дар кишвар ҳамчун ҷашни умумихалқӣ – сайру гашт таҳти шиори: **«Ҳар рӯзат Наврӯз бод, Ӯзбекистони маҳбуб!»** дар сатҳи баланд гузаронида шавад.

**2.** Инҳо тасдиқ карда шаванд:

ҳайати **Кумитаи тадорук** оид ба омодагӣ ва баргузории ҷашни миллии Наврӯз дар соли 2023 мутобиқи замимаи №1;

**«Харитаи роҳ»** оид ба мувофиқи замимаи № 2 баргузор намудани ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2023.

Кумитаи тадорук татбиқи чораҳоро, ки дар «Харитаи роҳ»-и мазкур муайян шудаанд, инчунин васеъ таҷлил намудани ҷашни Наврӯзро дар соли 2023 дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, марказҳои вилоят ва шаҳри Тошканд, дар тамоми шаҳрҳо ва ноҳияҳо, деҳаву авулҳо ҳамчун сайри умумихалқӣ таъмин намояд.

**3.** Ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани чорабиниҳои идона ба инҳо диққати махсус дода шавад:

ташкили чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои наҷиб мутобиқи рӯҳияи навсозӣ ва созандагии хоси Наврӯз, муҳаббат ва ғамхорӣ ба Ватан, ҳамбастагии инсон ва табиат, ҳифзи ҳаёти осоиштаю ободу, муҳити зист даъват мекунад;

дар шакли равшани бадеӣ инъикос намудани ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар мамлакат бо мақсади бунёди Ӯзбекистони Нав ва таъмини манфиатҳои инсон, дигаргуниҳои мусбате, ки дар ҳаёти мардум ва ҷаҳонбинии одамон ба амал меоянд, татбиқ мешаванд;

дар арафаи ҷашн дар тамоми шаҳру деҳаҳо, авулу маҳаллаҳо ташкил кардани ҳашарҳои умумихалқӣ, корҳои васеъмиқёс оид ба ободонӣ ва кабудизоркунӣ бо назардошти арзиш ва анаъанаҳои Наврӯз;

идома додани корҳо оид ба гузарондани чорабиниҳои хайру эҳсон, ки ба ғамхории ҳамаҷониба расондан ва эътибор додан ба собиқадорони муҳтарами мо, кумак ба онҳое, ки дар хонаҳои «Меҳрибонлик», «Мурувват» ва «Саховат» зиндагӣ мекунанд, ҳамаи шаҳрвандони ба дастгирӣ ниёздошта нигаронда шудааст;

ташкил ва ба таври васеъ таблиғ намудани натиҷаҳои амалии кори бонизом ҷиҳати таҳкими фазои дӯстии байни миллатҳо ва ваҳдати шаҳрвандӣ дар кишвар, инчунин чорабиниҳо бахшида ба ҷашни миллии Наврӯз, ки аз ҷониби ҳамватанони мо – намояндагони миллату халқиятҳои гуногун гузаронида мешаванд;

ба барномаи сайрҳо, ки дар маҳалҳо гузаронда мешаванд, ворид намудани бозиҳои азалии миллӣ, баромади гурӯҳҳои фолклорӣ, ҷамоаҳои фолклор, дорбозон ва бахшиҳо, иҷрокунандагони сурудҳои халқӣ ва ҳунарпешагони эстрада;

ташкили чорабиниҳои идона, намоишгоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ, мусобиқаҳо оид ба намудҳои варзиши миллӣ, бозорҳои китоб, нуқтаҳои сайёр, пухтан ва фурӯши таомҳои баҳорӣ;

дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ инъикос намудани чорабиниҳои идона дар минтақаҳо, байни ҳамватанони бурунмарзӣ, инчунин таърих ва моҳияти Наврӯз.

**4.** Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ (О.А. Назарбеков):

якҷо бо Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат (М.М.Ҳоҷиматов), Иттифоқи нависандагон (С.С.Саидов) **дар муҳлати як ҳафта** барнома ва сенарияи намоишҳои театрикунонидашудаи консертиро, ки дар шаҳри Тошканд ба муносибати ҷашни Наврӯз гузаронда мешаванд, таҳия намояд;

барои ба дараҷаи баланди бадеӣ тайёр кардани намоишҳои консертӣ бо ҷалб намудани сенариянависон ва режиссёрҳои пуртаҷриба, композиторону бастакорон, балетмейстерҳо, рассомони саҳна, иҷрокунандагони ҷавони боистеъдод ва намояндагони эҷодиёти халқ чораҳо андешад.

**5.** Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд **дар муҳлати як ҳафта** оид ба омодагӣ ва баргузор намудани сайрҳои умумихалқии Наврӯз барномаҳои минтақавӣ таҳия ва тасдиқ намоянд.

**6.** Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои идона:

дар шаҳри Тошканд – аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳуриявӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд дар ҳиссаи баробар;

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби маблағи буҷаҳои маҳаллӣ ва маблағҳои ҳомиён сарпӯш карда мешаванд.

**7.** Ба Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии иттилоотии «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори омма тавсия дода шавад, ки рафти омодагӣ ва гузаронидани ҷашни миллии Наврӯзро ҳамаҷониба инъикос намоянд.

**8.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон О. Қ. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*1 марти соли 2023.*

*Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ БИНОБАР ТАТБИҚ СОХТАНИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2026 ДАР «СОЛИ ЭЪТИБОР БА ИНСОН ВА ТАЪЛИМИ БОСИФАТ»

Ба мақсади ба давраи нав ворид кардани ислоҳоти татбиқшаванда бобати минбаъд баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ, ба меъёрҳои пешқадами байналхалқӣ мувофиқ кардани сифати таълим, муваффақ шудан ба рушди устувори иқтисодӣ ва коҳиш додани нодорӣ бинобар вазифаҳое, ки дар Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 ва Муроҷатномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Олий Маҷлис ва халқи Ӯзбекистон муайян шудаанд:

**1. Барномаи давлатӣ бинобар татбиқ сохтани Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 дар «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат»** (минбаъд – Барномаи давлатӣ), ки дар асоси таклифҳое, ки дар рафти муҳокимаи васеи аҳли ҷомеа ва халқ ба миён гузошта шуда буданд, коркард шудаанд, мувофиқи замима тасдиқ карда шавад.

Ба Девони Вазирон, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки бо сифат, дар пояи интизом ва тартиби қатъӣ иҷрои Барномаи давлатиро ба роҳ монанд, **дар муҳлати даҳ рӯз** чораҳои амалиро дар қисмати ҳар кадом ноҳия, шаҳр ва маҳалла мушаххас кунанд, ҳамчунин **бо иштироки ҷомеаи васеъ ва расонаҳои ахбори оммавӣ** ҳисоботи шахсони масъулро **мунтазам** шунаванд.

Ба палатаҳои Олий Маҷлис ва Шӯроҳои маҳаллӣ тавсия дода шавад, ки иҷрои Барномаи давлатиро бо рафтан ба ноҳияҳо, шаҳрҳо ва маҳаллаҳо омӯхта, ҳисоботи роҳбарони мақомоти масъули давлатиро шунаванд.

**2.** Ба мақсади беҳтар кардани ҳаёти халқ, фароҳам овардани қулайиҳои иловагӣ ва кам кардани хароҷоти аҳолӣ аз **1 июли соли 2023**:

**а)** дар тамоми мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ **«чораҳо бобати баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ барои аҳолӣ ва соҳибкорон»** муайян карда шаванд.

Ба вазирон ва дигар роҳбарони мақомоти мустақили ҳокимияти иҷроия супурда шавад, ки **дар зарфи понздаҳ рӯз** барномаи чораҳоро бинобар дар низоми хидматҳои давлатии худ зиёд кардани **хидматҳои масофавӣ**, аз ҷумла аз тариқи **иловаи мобилӣ**, кам кардани **миқдори пардохт**, бекор кардани талаботи **ҳуҷҷатҳои иловагӣ, қатъиян кам кардани** тартибот ва мухлатҳои баррасӣ, **беҳтар сохтани** шаффофият, ба роҳ мондани соҳат барои **мулоқоти доимӣ бо аҳолӣ ва соҳибкорон, баланд бардоштани маданияти муомилаи** ходимон, **омӯзондани хидматрасони зуд ва босифат** тасдиқ кунанд ва **ба аҳолӣ ва соҳибкорон** расонда диҳанд.

**б)** миқдори хидматрасониҳои давлатиро, ки аз тариқи **марказҳои хидматрасонии давлатӣ** пешниҳод мешаванд, то ба **300**, хидматҳое, ки аз тариқи **Портали ягонаи хидматҳои интерактивии давлатӣ** расонида мешаванд, **то ба 570** адад расонанд;

**в)** хидматрасонии давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират ва расмигардонии шаҳрвандии **табақаҳои аҳолӣ (шахсони ногиро, бемори вазнин, куҳансол ва ғайра)**, ки **ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд**, бо сафар ба маҳалли истиқомати доимии онҳо ё худ ҷойи буду боши муваққатияшон **бидуни ситондани пардохти иловагӣ** барои хидматрасонӣ ба роҳ монда шавад;

(Давомаш дар саҳ.2).



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «TIANCHENG STONE» соли 2018 бо дастгирии шарикони чинӣ дар шаҳри Навоӣ ташкил ёфта буд. Корхона бо истихроҷ ва коркарди гранит машғул мебошад. Барои ба кор андохтани корхонаи мазкур ширкати «TIANCHENG STONE»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин 16,1 миллион доллар сармоя ворид кард. Дар соли 2022-юм аз ҷониби бахши вилоятии «Ипотека-бонк» дар ҳаҷми 4,5 миллион доллар вомии имтиёзнок ҷудо карда шуд.*

*Бояд таъкид намуд, ки ба мақсади минбаъд вусъат додани корхона ҷудо кардани боз 5 миллион доллар сармоя пешбинӣ мегардад, ки имкон медиҳад 500 ҷойи нави корӣ ба миён оянд.*

***Дар сурат:** ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «TIANCHENG STONE», ки соли 2018 бо кумаки ҳамкорони Хитой ташкил ёфта буд.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ, (ЎзА).***

# ДАР БОРАИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ БИНОБАР ТАТБИҚ СОХТАНИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2026 ДАР «СОЛИ ЭЪТИБОР БА ИНСОН ВА ТАЪЛИМИ БОСИФАТ»

(Аввалаш дар саҳ.1).

**г)** ташкил кардани хидматрасонии давлатӣ бобати баргузор кардани санҷиши дастгоҳҳои ҳисобу китоби хароҷоти электр, газ ва об дар **шакли фаъол** (бо ташаббуси ташкилоти хидматрасон бидуни муроҷиати шаҳрванд).

**3. Аз 1 сентябри соли 2023-юм** тамоми хидматҳое, ки ба ҷудо кардани субсидияҳо ба аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ алоқаманданд, давра ба давра барои хидматрасонӣ аз тариқи **Платформаи ягонаи электронии ҷудо кардани субсидияҳо ба аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ** гузаронида шавад, ҳамчунин низоми санҷиши онлайн аз тариқи платформаи электронии мувофиқи мақсад будани ҷудокунии субсидияҳо ба роҳ монда шавад.

Дар ин маврид имконияти пешниҳоди ариза барои ҷудо кардани субсидия аз тариқи **Портали ягонаи хидматҳои интерактивии давлатӣ ё худ марказҳои хидматрасони давлатӣ** дар ҳама гуна ноҳия (шаҳр) фароҳам оварда шавад, ҳамчунин **аз байн бардоштани монеаҳои нозарури бюрократӣ ва дигар омилҳои тамаъгарӣ** таъмин карда шавад.

**4.** Ба мақсади беҳтар намудани таъминоти нафақавии шаҳрвандон ва дастгирӣ намудани нафақахӯрон **аз 1 январи соли 2024** муҳлати пардохти нафақаҳое, ки ба нафақахӯрон илова карда шуданд, вале **сари вақт нагирифтаанд**, аз **12 моҳ то 24 моҳ** дароз карда шавад.

**5.** Ба мақсади фароҳам овардани **қулайиҳои иловагӣ барои шаҳрвандон** ҳангоми муқаррар кардани ногиронӣ:

**а)** аз **1 апрели соли 2023** ногиронӣ дар асоси мубодилаи электронии байниидоравии маълумотҳо бидуни иштироки шаҳрванд бо норасоиҳои анатомие, ки аломатҳои равшани ногиронӣ доранд, ҳамчунин касалӣ ва асоратҳо бо пешгӯии нохуши клиникӣ муқаррар карда мешаванд.

**б)** ба Вазорати шуғл ва коҳиш додани нодорӣ (Б. Мусаев) супурда шавад, ки дар **муҳлати то 1 апрели соли 2023** лоиҳаи консепсияи зина ба зина гузаштан ба **модели иҷтимоии** муқаррар кардани ногироиро пешниҳод кунад, дар он ба инҳо эътибор дода шавад:

муқаррар кардани ногиронӣ дар асоси меъёрҳои ҷаҳонӣ, ҳамчунин барои **адаптатсияи иҷтимоӣ** ба ҳаёт ва **барқарор сохтани саломатии** шахси ногиро, ки аз таҷрибаи муқаррар кардани ногиронӣ бо назардошти гум кардани дараҷаи **қобилияти меҳнатии** шаҳрванд **сартобӣ кардааст**;

барои шахсони ногиро ба роҳ мондани дастёбӣ **ба технологияҳои иттилоотии шакли мусоид**, истифодаи забони ишораҳо ва дигар шаклҳои мулоқот.

**6.** Ба мақсади **рушди мавзеъҳои «Янги Ўзбекистон» ва қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ ба манзил** дар соли 2023:

сохтмони манзилҳои нав дар мавзеъҳои «Янги Ўзбекистон» **1,6 баробар** зиёд карда, ҳаҷми солонаи сохтмон ба **90 ҳазор** ва дар **161** мавзеи дигар, аз ҷумла барои ташкилотҳои хусусии пудратӣ расонда шавад. Дар ин маврид ба тартиби ҳатмӣ сохтани **истгоҳҳои автомобилӣ, аз ҷумла истгоҳҳои автомобилии бисёрошёна ва зеризаминӣ** ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони манзил, иншооти иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ таъмин карда шавад;

аз Буҷаи давлатӣ барои ҷудо кардани вомҳои ипотекӣ дар пояи равандҳои бозаргонӣ барои **32 ҳазор** шаҳрванд, ҳамчунин субсидияҳо барои пӯшондани қисмати аъзобадали ибтидоӣ ва пардохтҳои фоиздори **11 ҳазор** шаҳрванд ҳаҷми зарурии маблағ ҷудо карда шавад;

дар доираи тартиби нави таъмин кардани аҳолӣ бо манзил аз тариқи вомҳои ипотекӣ дар асоси равандҳои бозаргонӣ ҳамчун таҷриба дар вилояти Тошканд **барномаи «Хонаи аввалини ман»** барои **шаҳрвандоне, ки манзил надоранд, дар пояи ҳуқуқи моликият кор** карда шавад ва татбиқ гардад;

аз ҳисоби баровардан ва дар биржаҳои бунёдии байналхалқӣ ва ватанӣ паҳн кардани коғазҳои ипотекии **Ҷамъияти саҳҳомии «Ширкат оид ба бо маблағ таъминкунии ипотекаҳои Ўзбекистон»** бунёди оинномавии ширкат то ба **100 миллион** доллари ИМА расонида шавад. Дар ин маврид маблағҳое, ки аз ҳисоби паҳн кардани заёмҳои ипотекӣ ҷалб шудаанд, дар бонкҳо ба сифати захира барои вомҳои ипотекӣ нигоҳдорӣ шаванд.

**7.** Ба мақсади вусъат додани таҷрибаи Буҷаи ташаббусӣ ва мустақилии молиявии маҳаллаҳо:

**дар соли 2023-юм** барои бо маблағ таъмин кардани лоиҳаҳое, ки дар асоси фикру ақидаҳои ҷомеа ташаккул меёбанд, аз Буҷаи давлатӣ **8 триллион** сӯм, аз онҳо барои барномаҳои «Обод қишлоқ» ва «Обод маҳалла» **4 триллион** сӯм ҷудо карда шавад;

дар **соли 2023-юм** барои бо маблағ таъмин кардани чорабиниҳое, ки дар доираи барномаи лоиҳаҳо бинобар рушди инфрасохтори маҳаллаҳо татбиқ карда мешаванд, аз Буҷаи давлатӣ **4 триллион** сӯм равона карда шавад.

Ба Вазорати иқтисодиёт ва молия (Ш. Қудбиев) супурда шавад, ки **дар муҳлати се моҳ низоми самарабахши бо маблағ таъмин кардани лоиҳаҳоро дар асоси фикру ақидаи ҷомеа ва овозҳое, ки дар портали «Буҷаи кушод» ҷамъ оварда шудаанд**, созмон диҳад ва ба роҳ монад.

Дар ин маврид ба ҷорӣ кардани механизмҳои дақиқи ба роҳ мондани ҷараёни овоздиҳии воқеӣ ва бидуни дахолати маъмурият эътибори махсус дода шавад.

**8.** Ба мақсади баланд бардоштани сифати таълим, ислоҳсозии соҳа дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ:

**а) аз 1 сентябри соли 2023-юм** дар яке аз муассисаҳои таълими миёнаи умумии ҳар кадом ноҳия (шаҳр) зина ба зина таҷрибаи ба хонандагон омӯзондани **ду забони хориҷӣ** ва **як касб** ҷорӣ карда шавад;

**б) аз соли таҳсили 2023/2024-ум** дар муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ зина ба зина таҷрибаи **барномаи таълимӣ**, ки ба тарбияи хонанда дар рӯҳи суннатҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, ватандӯстӣ нигаронида шудаанд, ҳамчунин дар онҳо шуури коммуникативӣ, таҳлилӣ ва креативӣ, кордонӣ дар гурӯҳ, донишҳои таҳқиқиро ташаккул медиҳанд, ҷорӣ карда шавад.

Дар ин маврид таҷрибаи:

таълим бинобар **китобҳои дарсие**, ки дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ навишта шудаанд, дар **синфҳои 1-4-уми** муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ;

ба хонандагон омӯзондани **донишҳои асосӣ** бинобар фанҳои таълими умумӣ – **дар синфҳои 5-9-ум**;

омӯзондани дониш дар пояи барномаҳои махсус, ки ба **рағбат ва қобилияти** хонандагон дар **синфҳои 10-11-ум** мусоидат мекунанд;

**в) аз соли хониши 2023/2024-ум** дар тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ ва дар шаҳри Тошканд **таъминоти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо хӯрокӣ бепул** ба роҳ монда шавад.

Дар ин маврид расондани хӯроквории, ки ба меъёрҳои **синну сол ва ҳолати саломатии хонанда**, ҳамчунин ба **талаботи санитарӣ** мувофиқат мекунанд, таъмин карда шавад;

**г) аз 1 апрели соли 2023-юм** ба мақсади **вусъат додани фарогирӣ бо таълими томактабӣ:**

ба роҳ мондани фаъолияти ташкилотҳои нави таълими томактабӣ дар **ошёнаҳои ғайриистиқоматии хонаҳои бисёрҳуҷра** ё худ аз тариқи **харид кардани манзили бунёдшудаи шахсӣ** ва минбаъд **таҷдид**, таъмир ва муҷаҳҳаз сохтани он;

**бекор кардани маҳдудият** бобати ба шарикони хусусӣ додани биноҳои сохташудаи ташкилотҳои ғайридавлатии таълими томактабӣ дар қитъаи замине, ки дар доираи лоиҳаи давлативу шарикии хусусӣ **бар ивази бино бинобар вомӣ бонкӣ барои лоиҳаи мазкур** ба иҷора дода шудаст;

**д)** ба мақсади инкишоф додани низоми таълими касбӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси зинаи миёна, ки ба талаботи бозори меҳнат ва коргузорон мусоидат мекунанд:

**аз соли хониши 2023/2024-ум** ҳамчунин барои дар **шакли дуалӣ таъсис додани** коллеҷҳо ва техникумҳо грантҳои давлатӣ ҷудо карда шаванд;

**дар муҳлати то 1 сентябри соли 2023-юм** дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд фаъолияти яктогӣ **муассисаҳои таълими касбӣ** ба роҳ монда шавад, ки ба талаботи **Низоми аврупоии таълими касбӣ ва таъмин сохтани сифати касбомӯзӣ** куллан ҷавобгӯ мебошанд, ба онҳо коршиносони баландихтисоси хориҷӣ ҷалб карда шаванд;

**е) аз 1 апрели соли 2023-юм:**

миқдори асосии тарифии **омӯзгорони** муассисаҳои таълими касбӣ мувофиқан ба **миқдори асосии тарифии** омӯзгорони муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ;

миқдори асосии тарифии **устоёни таълими истеҳсолии** муассисаҳои таълими касбӣ, ки соҳиби табақаи дараҷаҳои якум ва дуюм мебошанд, соҳибони маълумоти олии бидуни табақаи ихтисос ва онҳое, ки маълумоти олӣ надоранд, мувофиқан ба **миқдори асосии тарифии** омӯзгорони табақаи дараҷаҳои якум ва дуюм, омӯзгорони дорои таълими олӣ ва омӯзогорони дорои таълими миёнаи муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ баробар карда шаванд.

**9.** Ба мақсади **қаробати хидматрасонии аввалияи** тиббӣ ба аҳолӣ ва таъмин кардани шаҳрвандон **бо хидмати босифати тиббӣ**, ташхиси беморӣ **дар ибтидои он**, ҳамчунин фароҳам овардани қулаиҳои иловагӣ барои беморон:

**а)** ба Вазорати нигаҳдории тандурустӣ (А. Иноятов) супурда шавад, ки бобати:

дар соли 2023-юм бунёд кардани **30** поликлиникаи оилавӣ, **110** бунгоҳи духтурии оилавӣ ва то **520** адад нуқтаҳои зудамали тиббии маҳаллӣ;

баргузор кардани назорати профилактикии **12,6 миллион** сокинони синну солашон 18-40, тафтиши скринингии **6,3 миллион** шаҳрванди синну солашон 40 ва аз он боло, ки бемориҳои дарозмуҳлат надоранд, бобати сари вақт ошкор кардани бемориҳои дилу раг ва диабети қанд, **3 миллион** сокинон бинобар муайян кардани касалиҳои онкологӣ;

гузарондани амалиётҳои имплантатсияи кохлеарӣ нисбати зиёда аз **205 кӯдакон** бо нуқси ношунавоӣ, ҳамчунин иваз намудани проссесорҳои нутқи **132 нафар кӯдакон**, ки чунин ҷарроҳиро аз сар гузаронидаанд, чораҳо андешад;

**б)** зина ба зина гузаштан ба **шакли электронӣ** додани **варақаҳои муваққатии ғайриқобили меҳнат** ва **дигар маълумотномаҳои тиббӣ**.

Бо ин:

дар шакли электронӣ додани варақаҳои корношоямии муваққатӣ ва дигар маълумотномаҳои тиббӣ дар вилоятҳои Навоӣ ва Сирдарё — **аз 1 июли соли 2023 сар карда**, дар шаҳри Тошканд, вилоятҳои Тошканд ва Самарқанд — **аз 1 октябри соли 2023**, дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ — **аз 1 январи соли 2024** ҷорӣ карда шавад;

**аз 1 январи соли 2024 талаб кардани варақаҳои корношоямии муваққатӣ ва дигар маълумотномаҳои тиббӣ дар шакли коғаз манъ карда шавад;**

**в) аз 1 июли соли 2023 сар карда** зина ба зина дар шаҳри Тошканд **механизмҳои суғуртаи давлатии тиббӣ** ҷорӣ карда шавад;

**г) то охири соли 2023** миқёси фарогирии маъюбон бо тадбирҳои **тавонбахшии ройгони тиббию иҷтимоӣ дар шароити амбулаторӣ ва статсионарӣ ба 30 ҳазор** нафар расонида шавад.

**10.** Бо мақсади пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани сатҳи фаъолияти ҷисмонӣ дар байни аҳолӣ **ҳаракати умумимиллии «Дуруст ғизо хӯрдан ва тарзи ҳаёти солим»** ташкил карда шавад, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

ба аҳолӣ омӯзондани назорат кардани саломатии худ ва ғизохӯрӣ бо истифода аз **смартфонҳо ва иловаҳои мобилӣ**, офаридани иловаи мобилӣ барои ғизохӯрии дуруст;

**пурзӯр гардондани талабот ва маҳдудият ба рекламаи** маҳсулоти озуқавории носолим ва нӯшокиҳои барои бачаҳо пешбинишуда, маҳсулоти озуқаи кӯдакон ва энергетикҳо, доруворӣ, моддаҳои биологии фаъол;

тасдиқ намудани номгӯй ва кам кардани истеъмоли **маҳсулоти** барои бачагону ҷавонон **тавсиянашуда**, аз ҷумла маҳсулоти озуқаворие, ки дар таркибаш миқдори зиёди шакар, намак, трансравған, инчунин моддаҳои хушбӯйкунанда ва рангҳо мавҷуданд;

таҳияи **тавсияҳои** алоҳида **оид ба ғизохӯрии солим** барои ҳар як гурӯҳи хавфи аҳолӣ ва намудҳои бемориҳо бо назардошти намудҳои маҳсулоти ватанӣ;

офаридани маҷмӯаи мухтасари тавсияҳо **оид ба ғизохӯрии дуруст, машқҳои солимгардонӣ ва қоидаҳои гигиенӣ** барои кӯдакон, калонсолон ва пиронсолон вобаста ба синну сол, сохтори бадан, тарзи зиндагӣ ва майл ба бемориҳо;

фароҳам овардани шароити зарурӣ барои **шуғл бо тарбияи ҷисмонӣ ва хӯрокхӯрии дурусти** коргарон дар ҷои кор.

**11. Аз 1 апрели соли 2023 дар сурати бо сабабҳои узрнок ба таъхир андохтани муҳлати баровардани** воситаи нақлиёти шахсии аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ воридшуда дар тӯли муҳлати амали тасдиқ барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Ўзбекистон **аз пардохти боҷи дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда** озод карда шавад.

**12.** Бо мақсади **боз ҳам пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқи** субъектҳои соҳибкорӣ **аз 1 июли соли 2023 мораторияи сесола** ба ҷорӣ намудани навъҳои нави чораҳои масъулиятшиносӣ ва санксия нисбати субъектҳои соҳибкорӣ муқаррар карда шавад.

Вазорати адлия (А. Тошқулов) якҷоя бо Прокуратураи генералӣ (Н. Йўлдошев) **дар муҳлати як моҳ** лоиҳаи қонунро, ки бекор кардани ҷавобгарии ҷиноиро барои вайрон кардани қоидаҳои савдо ё ки хидматрасонӣ **бо роҳи гузарондан ба ҳуқуқи судкунии маъмурӣ** пешбинӣ менамояд, таҳия намуда, бо тартиби муқарраргардида ба Девони Вазирон тақдим созад.

**13. Бо мақсади таъмини устувори кишоварзӣ бо захираҳои об** дар соли 2023:

**10 фоиз кам** кардани ҳаҷми талафоти табиӣ ҳангоми таъмини об тавассути роҳандозии низоми мувофиқ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии сарфакунандаи об дар соҳаи об;

равона кардани **як қисми даромад аз андози об бо роҳи зиёд кардани меъёри андоз** аз ҳаҷми обе, ки барои обёрии заминҳои кишоварзӣ ва парвариши (рӯёндани) моҳиҳо, барои рушди хизматрасонии обёрикунӣ, бетон кардани ҷӯйборҳо, заҳбурҳо ва каналҳо дар минтақаҳо истифода мешавад, таъмин карда шавад.

Ба Вазорати хоҷагии об (Ш. Хамраев) ба муҳлати **то охири соли 2023:**

**а)** сарфаи камаш **7 миллиард метри мукааб** об ва барои обёрии кишти такрорӣ **дар 300 ҳазор гектар замин** равона кардани онро бо роҳи васеъ ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ, истифодаи технологияи сарфаи об ва сари вақт ба амал баровардани тадбирҳои зарурии ирригатсионию мелиоративӣ дар идоракунии захираҳои об таъмин намояд;

**б)** якҷоя бо Вазорати иқтисодиёт ва молия (Ш. Қудбиев) тадбирҳо таҳия ва ба тасдиқ тақдим карда шаванд:

маблағгузории тамоми хароҷоти вобаста ба рақамикунонии **13 000** иншооти обӣ бо мақсади ҷорӣ намудани низоми шаффофи баҳисобгирии об аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ва грантҳои институтҳои молиявии байналмилалӣ;

модернизатсияи **16** станцияи бузурги насосӣ дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ.

**14.** Дар доираи **таҳкими адолат ва волоияти қонун, таъмини риояи қатъии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон** бо тартиби муқарраргардида ба Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис лоиҳаҳои қонунҳо тақдим карда шаванд, ки инҳоро пешбинӣ менамоянд:

пешниҳоди **ваколати додани санксия** барои кофтуков, шунидани гуфтугӯи телефон ва барӯйхатгирии молу мулк **аз прокурорҳо ба судҳо** бо мақсади боз ҳам васеъ намудани **амалияи истифодаи институти «Хабеас корпус»** дар раванди тафтиши ҷиноятҳо;

ҷорӣ намудани тартиби пешниҳоди парвандаи ҷиноӣ ба судҳо дар якҷоягӣ бо хулосаи айбдоркунӣ (ҳукмнома) ва **хулосаи ҳимоятгар**;

бекор кардани талаби доштани на камтар аз **ду сол собиқаи кор аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ** барои гирифтани иҷозатнома, ки барои шуғл варзидан бо фаъолияти адвокатӣ ҳуқуқ медиҳад.

Суди олӣ (Б. Исломов), Вазорати адлия (А. Тошқулов) ва Прокуратураи генералӣ (Н. Йўлдошев) дар муҳлатҳое, ки дар Барномаи давлатӣ пешбинӣ шудааст, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои дахлдори қонунҳоро оид ба масъалаҳои дар ҳамин банд пешбинишуда таъмин намоянд.

**15.** Бо мақсади ислоҳоти соҳа таъмин кардани бехатарии ҳаракат дар роҳ дар асоси ғояи **«шаҳр на барои мошинҳо, балки барои пиёдагардон»:**

**а) аз 1 апрели соли 2023** дар шаҳрҳои Тошканд ва Нукус, инчунин марказҳои вилоят ва ноҳия суръати баландтарини ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз **70 километр то 60 километр** дар як соат кам карда шавад;

**б) аз 1 декабри соли 2023** ба соҳиби воситаи нақлиёт якҷоя бо шахсе, ки ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт дода шудааст, ҳуқуқи хабардор кардани мақомоти хадамоти давлатии бехатарии роҳ **дар бораи гузаштани ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт** бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ (вакolatнома ва ғайра) дода шавад.

Ҳамзамон муқаррар карда мешавад, ки тартиби ворид намудани тағйироти дахлдор аз ҷониби мақоми ваколатдор **ба Системаи ягонаи автоматиконидашудаи иттилоотӣ-таҳлилии Хадамоти бехатарии ҳаракати роҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома, инчунин тартиб додани протоколи маъмурӣ нисбат ба шахсе, ки ба вай ҳуқуқи идоракунӣ гузаштааст**, барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат, ки дар воситаи нақлиёти мазкур содир намудааст, ҷорӣ карда мешавад.

**16.** Вазорати адлия, Маркази «Стратегияи рушд» ва Ҷунбиши миллии «Юксалиш»:

оид ба қабул намудани чораҳои иловагӣ барои мунтазам гузарондани **мониторинги** рафти татбиқи Барномаи давлатӣ, **иҷрои хушсифат ва саривақтии он** тавсияҳо тартиб диҳанд;

**барои босифат ва саривақт таҳия ва тасдиқи** лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар Барномаи давлатӣ пешбинишуда **ёрии амалӣ** расонанд;

**тайёркунии шарҳҳои иттилоотиву таҳлилиро**, бахшида ба ҷамъбасти татбиқи Барномаи давлатӣ, **нашри онҳо дар забонҳои хориҷӣ ва васеъ паҳн намудани онҳоро** таъмин кунанд;

**ҳар моҳ дар бораи натиҷаҳои мониторинг** ба Комиссияи ҷумҳуриявии татбиқи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 маълумот ворид намоянд.

17. Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ (А. Хоҷаев), Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон (А. Хоҷаев) ва Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон (А. Кучимов) васеъ шарҳ додани ҳадаф ва вазифаҳои Барномаи давлатӣ, инчунин **ба таври доимӣ** ба омма фаҳмонда додани моҳият ва мазмуни онро, аз ҷумла **бо иштироки арбобони маъруфи давлатӣ, сиёсатшиносони ботаҷриба, ҳуқуқшиносон, иқтисодчиён ва дигар мутахассисон** таъмин намоянд.

**18.** Барои ташкили самарабахши иҷрои Фармони мазкур масъулияти шахсӣ ба зиммаи **роҳбарони вазорату идораҳо, Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд** гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои Фармони мазкур, мутобиқсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилот, ки ба иҷрои он масъул мебошад, ба зиммаи **Комиссияи ҷумҳуриявии татбиқи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026** гузошта шавад.

Иттилоот дар бораи чораҳои амалишуда дар ҳар семоҳа ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон тақдим карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*28 феврали соли 2023.*

## ХАБАРҲО

### МАҶМААИ НАВ ДАР МАРКАЗИ ТОШКАНД

***Собиқ бинои Хидмати амнияти давлатӣ воқеъ дар маркази шаҳри Тошканд дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта бунёд гардидааст. Ширкати Radisson Hotel Group бо Metropol Groyp оиди дар ҷои ҳамин бино барпо намудани меҳмонхонаи замонавӣ, ки 22 ошёна мегардад, шартнома ба имзо расонд.***

Мувофиқи нақша маҷмаа чаҳор бинои бо услуби ягонаи меъморӣ барпошударо фаро хоҳад гирифт. Дар ҳудуди тақрибан 130 метри мураббаъ майдончаҳои савдо, кинотеатр, офис, квартира, нуқтаҳои автомобилгузории зеризаминӣ, толори маҷлис ва анҷуман ба меҳмонхонаи ҳашаматнок пуррагӣ мебахшанд. Меҳмонхона дар ҳудуди 27 ҳазор метри мураббаъ аз 164 хона иборат хоҳад буд. Дар дохили маҷмаа хонаҳои президентӣ ва иқоматгоҳҳо низ ҷой ишғол мекунанд. Ресторан, ҳавз, китобхона, лобби-бар ва ҳоказо ба мизоҷон хидмат мерасонанд. Маросими кушоиши меҳмонхона дар соли 2026 ба нақша гирифта шудааст.

### БАРОИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОК

***Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) барои баланд бардоштани самаранокии обёрӣ дар водии Фарғона ба Ўзбекистон ба миқдори 199,96 млн. доллар кредит ҷудо намуд.***

Маблағ асосан баҳри молиявисозии корҳои муҳандисии се вилоят, ки аз дарёи Сир обёрӣ мешаванд, равона хоҳанд гашт.

Дар водии Фарғона, дар навбати аввал, 118-то стансияи насосӣ модернизатсия карда мешаванд. Барои онҳо агрегатҳои насосии энергияро сарфакунанда харид мегардад. Инфрасохтори лозимӣ реконструксия карда мешавад.

Интизор меравад, бо амалӣ гардидани лоиҳа баробари баланд гардидани самаранокии истифодаи об дар қаламрави зикршуда заминҳои обёришаванда наздик 32 ҳазор гектар зиёд мегарданд. Дар водие, ки аз ҳудудҳои сераҳолӣ дар ҷумҳурист, 19 ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда мешавад.

### ДАР БОМИ ХОНАИ КАМТАЪМИНҲО – ПАНЕЛҲОИ ОФТОБӢ

***Дар асоси қарори роҳбари давлат аз 16 феврал «Дар бораи чораҳои тезонидани манбаъҳои азнавбарқарорсозии энергия ва ҷорисозии технологияҳои энергияро сарфакунандаи энергия дар соли 2023» дар ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона низ баҳри васеъ ҷорӣ сохтани манбаъҳои энергияи азнавбарқароршаванда ва истифодаи васеъ аз онҳо ҳаракатҳо оғоз ёфтанд.***

Оиди ташкили фаъолият дар ин самт штаби ноҳиявӣ созмон ёфт. Барои то моҳи сентябри соли равон ҷорӣ сохтани манбаъҳои аз нав барқароршаванда, ки ҷамъ 2,7 МВт иқтидор доранд, рӯйихати ташкилотҳои буҷавӣ, соҳибкорони хусусӣ ва хонадонҳо ташаккул дода шуд.

Айни замон аз ҳисоби маблағи истифоданашудаи ҳокимият ба боми манзили шаҳрвандоне, ки дар «Дафтари оҳанин» номнавис шудаанд, панелҳои офтобӣ насб карда мешавад.

**М.ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**



*Роҳбари давлат 10 феврали соли равон ба мақсади бо пешрафти иҷтимоиву иқтисодии ҳудудҳо шинос шудан ба вилояти Ҷиззах сафар карда буд. Ҳангоми сафар бо лоиҳаҳои наве, ки дар тараққиёти саноати вилоят нақши муҳим доранд ошно гардида, се корхонаи навро аз тариқи онлайн ба кор даровард.*

*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Super medical elements»-и корхонаи муштараки ўзбекистониву туркиягӣ, ки дар минтақаи саноатии Ҷиззах воқеъ аст, аз ҳамин ҷумла мебошад.*

*Барои созмон додани ин корхонаи муштарак 5 миллион долларина сармояи хориҷӣ ворид карда шуд. Дар ин ҷо соле 40 намуди корсет ба бандажи тиббӣ коркард мешаванд. Дар корхонае, ки бо таҷҳизоти навтарини хориҷӣ муҷаҳҳаз мебошад, барои кори пурсамари кормандони он тамоми имкониятҳо мавҷуданд.*

***Дар сурат:*** *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Super medical elements»-и корхонаи муштараки Ўзбекистон – Туркия, ки дар минтақаи саноатии Ҷиззах ҷойгир аст.*

***Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ, (ЎзА).***

## ОРЗУҲО ТАТБИҚ МЕГАРДАНД

***Ноҳияи Деҳқонобод яке аз мавзеъҳои канораии вилояти Қашқадарё ба шумор меравад, ки аз маркази маъмурии он – шаҳри Қаршӣ фарсаххо дур ҷой гирифтааст. Солҳои зиёд ин ноҳия дар доми фаромӯшӣ афтода, бошандагонаш мудом дар ҳалли мушкилоти рӯзгори худ тани танҳо панҷа нарм мекарданд. Бо баробари роҳандозӣ шудани тарҳи нави ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ дар саросари Ўзбекистони Нав таваҷҷуҳи раҳбарияти давлат ва сарони воломақоми вилоят ба ин ноҳия низ афзуд.***

Барои обод кардани рӯзгори мардуми ин маҳал тарҳҳои алоҳидае рӯи кор омаданд, ки гуфта мешавад, дар ин авохир симои ноҳияро куллан тағйир хоҳанд дод. Солиёни зиёд аҳолии ин ноҳия орзу дошт, ки бо оби ошомиданӣ таъмин бошад. Ҳалли ин мушкил дар тасаввури мардуми таҳҷоӣ намеғунҷид. Барои беҳбуд бахшидани шароити зисти аҳолӣ, хоса таъмин намудани онҳо бо оби тоза дар сатҳи ҷумҳурӣ тасмим гирифта шуд ва пас аз чанд соли меҳнат билохира ин манбаи ҳаёт тавассути лӯлаҳои ба фишори баланд тобовар ба маркази ноҳия расид. Гуфта мешавад, ки дар чаҳорчӯби ободкориҳои кишвар ҳукумат ба ноҳияи дурдасти Деҳқонобод ва ҳалли муаммоҳои он ҷиддан иқдом намудааст. Ҳоло иншооте сохтаву оби дарёи Оқсувро, ки дар 100 километрии ин ноҳия воқеъ аст ва мутахассисони соҳаи тандурустӣ онро ба нӯшидан мувофиқ донистаанд, ба ноҳия оварда шуд. Беш аз 75 километр хандақ кандаву қубурҳоро ба ҳам васл намуда, оби Оқсувро ба марказ расониданд. Лоиҳа «Оқсув – Деҳқонобод» ном гирифта, дар ин авохир пурра татбиқ хоҳад гашт.

Ҳоло дар маҳалли Қорашинаи ноҳия, ки аз мавзеъҳои ба марказ наздик маҳсуб меёбад, корҳои васлнамоии лӯлаҳо ва таҷҳизоти ҳисобгири об ба хонадони аҳолӣ идома доранд. Назар ба маълумоти мутахассисон, дар сурати пурра ба истифода дода шудани лоиҳаи мазкур 116 мавзеи аҳолинишин бо оби ошомиданӣ таъмин хоҳанд гашт. Ин 75 дарсади ҷамъи аҳолии ноҳияро ташкил мекунад.

Айни ҳол дар маҳаллаҳои Бӯстон, Ўзбекистон, Нодира, Истиқлол, Дӯстлик, Ойдин йўл, Чанбил ба дарозии 97 километр хандақ кандаву лӯлаҳои пластикӣ хобонида шуданд ва дар зудтарин фурсат бошандагони маҳаллаҳои мазкур аз ин манбаи ҳаёт истифода хоҳанд кард.

Дар нақша аст, ки то охири соли равон боз ба 26 маҳаллаи ноҳия лӯлаи об гузаронида шавад. Ин корҳо аз ҷониби кормандони муассисаи масъулияташ маҳдуди «Яшил диёр» ба сомон расонида мешаванд.

**Шариф ХАЛИЛ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар Қашқадарё.**

# ХАБАР

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ СИЮҲАФТУМИ УМУМИИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳамчунин 1624 васли ғайриқонунӣ ба шабакаҳои таъминоти об ошкор гардид, аз вайронкунандагон дар ҳаҷми 7 миллиарду 144 миллион сўм ҷарима ситонида шуд.

Нокифоягии чораҳои ҷавобгарӣ барои истифодаи ғайриқонунии захираҳои энергетикӣ, ки дар Кодекси ҷиноии дарамал муайян шудаанд, имкон намедиҳад, ки нисбати ашхосе, ки чунин ҷиноятҳоро содир карда, ба давлат зарари ҷиддӣ расонидаанд, чораҳои дахлдор қабул карда шаванд.

Вобаста ба ин махсус таъкид гардид, ки зарурияти пурзўр намудани чораҳои ҷавобгарӣ барои ҳодисаҳои истифодаи ғайриқонунии захираҳои энергетикӣ ва иҷро нашудани нишондоди мақомоти ваколатдор ба миён омадааст.

Қонуни мазкур бинобар он муҳим мебошад, ки вай баробари аз байн бардоштани мушкилоти зикршуда ба пурзўр кардани масъулият барои истифодаи ғайриқонунии захираҳои энергетикӣ нигаронида шудааст.

Аз ҷумла, ҳодисаҳои содир гардидани ҷиноят ба мақсадҳои тиҷоратӣ аз тариқи худсарона васлкунӣ ба шабакаҳои электрӣ, гармӣ, газ ё худ нақли оби истифодаи умум, қасдан вайрон кардани асбобҳои ҳисобу китоби энергияи электрӣ, гази табиӣ, оби хунук ё гарм, аз ҷумла хароб кардани онҳо, ё дахолат ба асбобҳои ҳисобу китоб аз берун ба мақсади тағйир додани нишондиҳандаҳои ин асбобҳо минбаъд ҳамчун намуди ҷиноят – дуздӣ баррасӣ мегардад.

Баробари ин ба Кодекси ҷиноӣ мафҳуми «мақсади тиҷоратӣ» ворид карда мешавад ва муқаррар мегардад, ки ин ба дарёфти фоида, даромад, манфиатбарӣ дар фаъолияти муайяни ашхоси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Бинобар қонун зикр мегардад, ки тафтиши пешакии парвандаҳои вобаста ба истифодаи ғайриқонунии захираҳои энергетикӣ, аз ҷониби мақомоти прокуратура амалӣ карда мешавад.

Ба мақсади куллан дар соҳа таъмин намудани назорати давлатӣ, пешгирӣ кардани қонунвайронкуниҳо масъалаи дар бораи ба судҳо додани ваколати баррасии ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани маълумоти хаттии Инспексияи энергетикии Ўзбекистон дар маркази муҳокима қарор гирифт.

Сенаторон ҳамчунин ба он эътибори махсус доданд, ки ваколат бобати таъҷилан аз байн бардоштани ҳодисаҳои риоя нашудани қоидаҳои истифодаи энергияи электр ва газ аз судҳо ба Инспексияи энергетикии Ўзбекистон ва идораҳои ҳудудии он дода мешавад.

Сенаторон қонунро маъқул донистанд.

Баробари ин дар ҷамъомад ахбори директори Маркази миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон бинобар ҳуқуқҳои инсон дар бораи ҳолати иҷрои ўҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон шунида шуд.

Дар ҷараёни муҳокима сенаторон таъкид карданд, ки ба шарофати саъю кўшишҳои мақомоти давлатӣ ва идораҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ўзбекистон соли 2022-юм бобати беҳтар кардани мавқеи худ дар рейтинг ва индексҳои байналхалқӣ, аз ҷумла волоияти қонун, самаранокии фаъолияти ҳукумат, озодии сухан ва ахбор, мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъмагарӣ пешрафти назаррас ба даст омад.

Дар Кодекси нави меҳнатӣ, ки мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи меҳнати инсон қабул шуд, асосҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ такмил ёфтанд.

Бо назардошти тавсияҳои сохтори СММ Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи тасдиқ кардани Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ўзбекистон» қабул гардид, ки давомияти чораҳои ба баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолӣ дар мамлакат ва минбаъд мустаҳкам кардани механизмҳои дастгирии оилаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд нигарондашударо таъмин менамояд, самтҳои беҳсозӣ муайян шудаанд.

Соли 2022-юм коалитсияи «Cotton Campaign» – ширкати муттаҳид, ки маҳсулоти тайёрро аз пахта истеҳсол ва савдо мекунад, эътироф кард, ки дар Ўзбекистон меҳнати иҷборӣ ва меҳнати бачагона куллан бартараф карда шудааст ва он байкотро нисбати пахтаи Ўзбекистон бекор кард.

Дар доираи чорабиниҳо бинобар мувофиқ сохтани қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи истифодаи ҳуқуқи Ҷумҳурии Ўзбекистон ба меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон Конвенсияи Созмони байналхалқии меҳнат №167 «Дар бораи амният ва гигиенаи меҳнат дар сохтмон» тасдиқ карда шуд.

Ҳамзамон сенаторон дар асоси омўзишҳои гузаронидашуда як қатор мушкилотеро, ки ба истифодаи самарабахши меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон алоқаманданд, мушаххас намуданд.

Аз ҷумла, сенаторонро вазъияти қафомонии коркарди 8 лоиҳаи қонун, ки бо «харитаи амалиёт» бинобар татбиқ намудани Стратегияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон мушаххас шудаанд, ба ташвиш меоварад.

Дар натиҷаи мониторинги иҷрои Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи ногиронҳо аз ҷониби сенаторон муқаррар карда шуд, ки иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ барои истифодаи шахсони маъюб чандон мувофиқ нестанд.

Дар ҷараёни баррасии ҳамаҷониба қарори дахлдори Сенат қабул шуд, ки дар доираи он кори муштарак бо вазорату идораҳои дахлдор ба мақсади таъмин сохтани иҷрои бечуну чарои ўҳдадориҳои байналхалқии Ўзбекистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон муайян карда шуд.

Дар ҷамъомади сиюҳафтуми умумии Сенати Олий Маҷлис ҳамчунин масъала дар бораи тасдиқ кардани қарорҳои Шўрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон муҳокима гардид.

Дар ҷараёни ҷамъомади умумӣ 12 масъала, аз ҷумла 9 қонун, ки ба таҳкими асосҳои ҳуқуқии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва баланд бардоштани самаранокии тағйиротҳои васеъмиқёсе, ки дар мамлакат татбиқ мешаванд, рушди ҳамкориҳои байналхалқӣ нигаронда шудаанд, баррасӣ шуданд.

Бо ҳамин ҷамъомади сиюҳафтуми умумии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон анҷом ёфт.

**Хидмати матбуоти Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

***Дар тамоми шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё барои иҷрои лоиҳаи «Макони сабз», ки ташаббускори он Президент мебошад, корҳои ободониву кабудизоркунӣ маҷрои нав гирифтанд.***

# КОРИ МУҲИМИ ИМРЎЗУ ФАРДО

Оғози рўзҳои нисбатан муътадили аввали баҳор ҳокимияти вилояти Қашқадарёро водор сохт, ки ба корҳои кабудизоркунӣ суръат бахшад.

Ҳокими вилоят Муродҷон Азимов гуфт, ки мавсими баҳории лоиҳаи «Макони сабз» бояд ба сифати баланд иҷро гардад. Дар ин кор тамоми ходимони ҳокимияти шаҳру ноҳияҳо, раҳбарони ташкилоту муассисаҳои давлативу хусусӣ масъул ҳастанд. Нишондану парвариш намудани ниҳоли дарахтони мевадиҳандаву манзаравӣ кори танҳо имрўз нест, балки он бояд тамоми сол идома ёбад. Ба як гўшаи сабзу хуррам мубаддал кардани воҳа ва ба ин тартиб беҳбуди муҳити зист аз вазоифи аввалиндараҷаи мо мебошад, – гуфт ҳоким.

Раҳбарони секторҳо, ташкилоту муассисаҳо бо раҳбарии ҳоким дар маъракаи кабудизоркунии шаҳри Қаршӣ ширкат варзиданд ва садҳо адад ниҳоли дарахтони гуногун шинониданд. Чунин чорабинӣ дар тамоми гўшаҳои вилоят идома дошт.

Аз ҷумла, ин кор дар ноҳияи Деҳқонобод дар сатҳи баланд иҷро шуда, кормандони ҳокимияти маҳаллӣ ва сарони муассисаҳои қаламрав таҳти шиори «Аз ҳар кас даҳ адад ниҳол» ба шинонидани ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва манзаравӣ пардохтанд. Дар натиҷа кўчаву хиёбонҳои шаҳраки «Бешбулоқ»-и ноҳия манзараи нав гирифт. Дар ин ҷо беш аз 2000 ниҳол шинонда шуд. Дар чорабинии мазкур ҳокими ноҳия Зоир Алиқулов иштирок карда, муҳим ва саривақтӣ будани ин амалҳоро таъкид сохт.

Назар ба маълумоти оморӣ, соли 2022 дар саросари вилоят 16 миллиону 631 адад ниҳол шинонда шуда буд. Имсол ҳам дар нақша ҳаст, ки 16,3 миллион ниҳоли дарахтони мевадиҳанда, манзаравӣ ва қаламчаву буттаҳо нишонанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# МАЪРУФТАРИН АВЛИЁИ ОЛАМИ ИСЛОМ

***(Ба муносибати 705-солагии Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд)***

Дар кишварамон дар раванди эҳёи арзишҳои маънавию маърифатӣ, омўзиши ҳаёт ва мероси алломаҳои бузург, ба таҳқиқ ва тарғиби таълимоти хоҷагон-нақшбандия таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Пири ҳафтуми силсилаи хоҷагон, сарвари зинаи дуюми тариқати хоҷагон-нақшбандия – Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, ки бо номҳои «Хоҷаи бузург», «Баҳоуддини Балогардон», «Шоҳ Нақшбанд» машҳур аст, муҳаррами соли 718-и ҳиҷрии қамарӣ – моҳи марти соли 1318 милодӣ дар деҳаи Қасри Ҳиндувони атрофи Бухоро дар оилаи ҳунарманд – бофанда ва нақшандози матоъ ба дунё омадааст.

Дар баъзе манбаъҳо таъкид мешавад, ки насаби падарии Хоҷа Баҳоуддин ба пайғамбар (с.а.в.) мерасад. Муаллифи «Туҳфат-уз-зойирин» менависад, ки модари Баҳоуддин аз авлоди халифаи якум Абубакри Сиддиқ будааст.

Бобои падарии Хоҷа Нақшбанди Ҷалолуддин яке аз муридони вориди роҳи тасаввуф мебошад, момояш, яке аз занҳои тақводор ва илмдўсти замони худ будааст. Падари Баҳоуддин, ки бо ҳунармандӣ машғул буд, як муддат дар қўшуни ҳарбии ҳокими Мовароуннаҳр Баёнқулихон (ваф. 1358), ки аз қавми чиғатой буд, хидмат кардааст ва дар пиронсолӣ ба тариқат даромада, шогирди писараш, ки ба мартабаи устодӣ расида буд, мегардад.

Баъзе муаллифон таъкид мекунанд, ки Хоҷа Баҳоуддин, ба сабаби аз хурдсолӣ бо ҳамроҳии падараш бо нақшбандӣ машғул будан, лақаби «Нақшбанд»-ро гирифтааст. Бино ба маълумоти манбаъҳои даврҳои баъдина, дар натиҷаи пайваста бо зикри Аллоҳ машғул шудан, исми Аллоҳ ба дили ў нақш бастааст, барои ҳамин ба ў чунин лақабро додаанд. Яке аз бузургони тариқати мазкур дар ин хусус гуфтааст:

*Эй бародар, дар тариқи нақшбанд,*
*Зикри Ҳақро дар дили худ нақш банд.*

Ғайр аз ин, ба туфайли хидматҳояш дар роҳи дин ў унвони «Баҳоуддин»-ро гирифтааст.

Дар манбаъҳои тариқати хоҷагон-нақшбандия омадааст, ки баъзе пирони тариқат, аз ҷумла Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ ва Сайид Амири Кулол ба дунё омадан, баъди ба воя расидан ва ба яке аз шайхони бузурги тасаввуф табдил ёфтани Баҳоуддинро аз аввал башорат карда будаанд.

Вақте Баҳоуддин кўдаки серўза буд, бобояш ўро ба назди Бобои Самосӣ, ки ба Қасри Ҳиндувон ташриф оварда буд, мебарад ва пири тариқати хоҷагон ўро ба фарзандӣ қабул карда, башорат мекунад, ки ў дар оянда «пешвои замона» хоҳад шуд. Ҳамон вақт Бобои Самосӣ дар роҳи сайру сулук тарбия кардани Баҳоуддинро ба халифаи худ Сайид Амири Кулол месупорад.

Шояд, Баҳоуддин бо ҳамин саъю ҳаракати бобояш таълимоти ибтидоиро дар зодгоҳ гирифта, дар ҳафтсолагӣ Қуръони каримро пурра ҳифз намудааст.

Пас аз вафоти Бобои Самосӣ Баҳоуддинро бобояш ба Самарқанд мебарад, ў бо сўфиёни он ҷо шинос шуда аз суҳбаташон баҳраманд мегардад. Дар манбаъҳо гуфта мешавад, ки Баҳоуддин баъди аз Самарқанд ба Қасри Орифон баргаштан, кулоҳи тасаввуфии пири чоруми силсилаи хоҷагон Хоҷаи Рометанӣ, ки бо тахаллуси «Хоҷаи Азизон» машҳур аст, ба дасти ў меафтад ва ҳолати ўро тамоман дигаргун месозад.

Чунин ба назар мерасад, ки Баҳоуддини Нақшбанд ҳанўз ҳангоми ворид шудан ба роҳи тасаввуф ба ислоҳ ва такмили тариқати хоҷагон, ба пурра барқарор намудани тариқати хоҷагон, ки дар аҳди асосгузори тариқат Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ ба баъзе дигаргуниҳо дучор шуда буд, аҳд кардааст. Баҳоуддин аз як тараф аз рўҳи Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ таълим гирифта, ба шогирди ҳамешагии ў табдил ёфта бошад, аз тарафи дигар аз шайхони тариқати яссавия низ таълим мегирад.

Баҳоуддини Нақшбанд низ мисли пираш аз пушти меҳнати худ рўз диданро афзал дониста, бо касбу кор машғул шудааст. Вай даставвал ҳамроҳи падар бо ҳунари гуландозӣ ба газвор машғул мешавад, дертар ҷаву мош парвариш менамояд.

Сайид Амири Кулол пеш аз вафоти худ ба Баҳоуддини Нақшбанд иҷозат медиҳад, ки муридонро тарбия кунад. Роҳбарии тариқатро ба ў месупорад, ба муридон амр медиҳад, ки аз паси Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд бираванд.

Хоҷа Баҳоуддин дар 3 рабеъулаввали соли 791 ҳиҷрии қамарӣ – 1 марти соли 1389 милодӣ дар синни 74 аз олам чашм мепўшад ва дар зодгоҳи худ – деҳаи Қасри Орифон дафн карда мешавад.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**доктори улуми таърих.**

Мактаби таълими ҳамагонии рақами 26-уми шаҳри Фарғона барои 1280 хонанда пешбинӣ шудааст. Соли гузашта мактаб аз таъмири пурра баромад ва соҳиби намои замонавию зебо гардид. Ҳоли ҳозир толибилмон дар шароити мусоид таълиму тарбия мегиранд.



Маълум аст, ки бо ташаббуси роҳбари давлат дар муассисаҳои таълимии мамлакат ба ҷавонон омўзонидани на камтар аз ду забони хориҷӣ ва омўхтани ягон касбу ҳунар ҳамчун вазифаи муҳим гузошта шудааст. Мактаби мазкур бошад, дар шаҳри Фарғона бинобар омўзонидани касб ба хонандагон намунаи ибрат мебошад.

# ХОНАНДАГОН КАСБ МЕОМЎЗАНД



– Дар синфҳои 7-11-уми маърифатгоҳи мо 510 нафар хонандагон таълим мегиранд, – мегўяд роҳбари мактаб Абдумуъмин Набиев. – Барои онҳо берун аз дарс дар 7 самт маҳфилҳои касбу ҳунар ташкил карда шудаанд. Дар машғулиятҳои ин маҳфилҳо ба ҷавонон касбҳои дуредгарӣ, дўзандагӣ, гулдўзӣ, забони англисӣ, тайёр кардани маҳсулоти қаннодӣ, компутер, рассомӣ ва тоқидўзӣ омўзонида мешаванд. Бояд гуфт, ки ҷавонон ба аз худ кардани ин ҳунарҳо иштиёқи зиёд доранд.

**Дар суратҳо:** *дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 26-уми шаҳри Фарғона.*

**Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).**

***Ба муносибати 90-солагии Асад Гулзодаи Бухорой***

# ЗАБОН ВА УСЛУБИ АШЪОРИ ШОИР

Рангорангии таркиби луғавӣ, қабатҳои лексикӣ дараҷаи ҳусну қубҳ, сабку услуби хоси эҷодии соҳибқаламро равшан менамояд. Маълумоти чанде аз сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки забони мардуми Бухоро аз қадимулайём содаву оммафаҳм буд. Аҳли илму адаб дуруст таъкид намудаанд, ки асосгузори забони адабӣ Абуабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рўдакӣ дар замони давлатдории Сомониён ба масъалаҳои мубрами забон, сабку услуб ва маданияти сухан таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Илова бар ин, бо шеърҳои «саҳли мумтанеъ» имконоти луғавӣ, сарфию наҳвӣ ва услубии забони модариашро равшан менамуд. Бо шеърҳои тозаи хеш дар қалби мардум тухми посдории забон, хештаншиносӣ, ифтихормандиро кошта, дар рушду нумўи забони адабӣ саҳми арзанда мегузошт. Ровиён шеърҳои шоирро дар гузару кўчаҳои Шаҳристон, назди даромадгоҳи Дарвозаи Ғуриён (дарвозаи самти шимолӣ), Дарвозаи Регистон (дарвозаи самти ғарбӣ)-и Арк, назди даромадгоҳи дарвозаҳои Ҳазрати Имом, Самарқанд, Файзобод, Баҳоуддин, Қаршӣ, Қавола Маҳмуд, Қарокўл, Шергирон, Тали Поч, Шайх Ҷалол ва инчунин дар атрофи мадрасаҳои Бухоро бо овози дилнишину форам қироат намуда, тарғибу ташвиқ менамуданд. Шоири ҳамзамони мо Асад Гулзодаи Бухорой дар ҳамин гуна шаҳри бостонии шоирпарвару фузалодўст ба дунё омадааст.

Равшанзамирон медонанд, ки рўзгоре амир Наср бинни Аҳмади Сомонӣ ҳангоми сафари тўлонӣ дар Ҳирот вақти шунидани қасидаи «Эй Бухоро шод бошу дер зӣ ...» мутаҳаййири суханҳои илҳомбахши шоир гардида, бо шодмонӣ ба сўйи Бухоро раҳсипор гардида будааст. На танҳо қасидаи мазкур, балки кулли шеърҳои гуногунжанри Абуабдуллоҳ Ҷаъфар Рўдакӣ бо интихоб ва корбасти вожаҳои пурмаъно, суханҳои муассиру мутантан ва санъатҳои бадеӣ таълиф гардидаанд. Маҳорати суханварӣ, нуктадониву нуктасанҷии Абуабдуллоҳ Ҷаъфар Рўдакӣ ба шоир Асад Гулзодаи Бухорой илҳом бахшидааст. Ўро дар офариниши шеър яке аз пайравони сабку услуби Абуабдуллоҳ Ҷаъфар Рўдакӣ метавон гуфт. Гуфтаҳои моро суханони шоир Ҷаъфар Муҳаммад низ тақвият мебахшад: «Асад Гулзодаи Бухорой худро ворисии ҳақиқии Рўдакӣ эълом мекунад ва ворисиро табъан ва шартан, идомадиҳандаи суннатҳои ниёи худ медонад. Асад Гулзода муқаллиди Рўдакӣ буданро барои худ шараф ва саодат медонад ва бидуни ҳеҷ тараддуде ба коргоҳи шоирии устоди шоирон сар мезанад ва аз сабку сиёқи ў сабақандўзӣ мекунад». Асад Гулзода яке аз шеърҳояшро «Абуабдуллоҳ Ҷаъфар Рўдакӣ» ном ниҳода, дар он шеър рўзҳои дар Бухоро будани Рўдакиро хотирнишин менамояд.

*Дар наврасӣ Рўдакӣ*
*Дар Бухоро зиста буд.*
*Дар ин шаҳри дилоро*
*Тақдираш пайваста буд.*
*Дар дарбори Сомонӣ*
*Як фарди вораста буд.*
*Дар хидмати шоҳонаш*
*Як умр пайваста буд.*
*Як шоири зарбардаст*
*Дар олами адаб буд.*
*Ашъори пурошўбаш*
*Бар шуҳраташ сабаб буд.*
*Унвони баланди шеър,*
*Ўро насиб карда буд.*
*Дар замони Сомонӣ*
*Маърифат гул карда буд.*

Муҳаққиқ ва бозҷўйи осору эҷодиёти Абуабдуллоҳ Ҷаъфар Рўдакӣ, поягузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ, муаллифи асари «Қисмати шоир» Сотим Улуғзода дуруст қайд намудаанд, ки Абуабдуллоҳ Ҷаъфар Рўдакӣ дар Бухоро солҳои тўлонӣ зиста, барои асолати забони форсии тоҷикӣ мубориза бурдааст. Шоири муосири мо Асад Гулзодаи Бухорой аз гузаштагон таҷрибаи ҳаёт ва дарси ибрат омўхтааст. Ў намехоҳад, ки забони тоҷикӣ дар замони истиқлол, алалхусус дар шароити блингвизм, бо вожаҳои ғайр (вомӣ) олуда бошад. Пайваста шеър менависаду баҳри ҳалли масъалаҳои мазкур ва мубрами забон, сабку услуб кўшиш мекунад.

Бухорои Шариф бо аҳли илму адаб ва ворисони накўгуфтору накўрафтораш ифтихор дорад. «Таърихи Бухоро»-и муаррих Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ан-Наршахӣ, асарҳои нодири Садриддин Айнӣ оинаи дурахшони таъриху фарҳанг, санъату маданият, халқу миллат ба шумор мераванд. Ба фикри мо, дар эҷоди шеър ва тасвири воқеаҳои таърихӣ таҷрибаи гузаштагон сарманшаи эҷодии Асад Гулзода гардидааст. Ў дар як қатор шеърҳояш дар хусуси сулола, шаҷара, воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ чун муаррихи нуктадон ҳарф мезанад. Ҳақ гуфтаанду рост: «Асад Гулзода гоҳ чун Рўдакӣ ба мадҳи Оли Сомону Бухоро мепардозад, гоҳ ҳусни табиати меҳанро ба риштаи назм мекашад. Гоҳ чун Наршахиву Айнӣ бо чакидаҳои килк ворисонро баҳри ошноии таърих, мадрасаву манора, раставу гузар, деҳу шаҳр, маросим ва анъанаҳои миллии мардуми Бухоро ҳидоят менамояд. Инчунин «Мансурвор ба ҳар дару девор, гарду хок, гунбазу манор, арку кўшк, ҳавзу рўдҳои ин шаҳр девонаосо ишқ меварзад. Фақат Бухороро мебинад, фақат онро мешунавад, фақат бо он гуфтугў мекунад». Афкори рангинаш, суханҳои пурмуҳтавояш чун оби пурмавҷи дарё дар силсилашеърҳо мунъакис гардидаанд.

Нигориши сабк ва услуби Асад Гулзода дар офариниши шеър ҳамранги сабку услуби Рўдакӣ ва Мирзо Турсунзода мебошад. Кулли шеърҳои Гулзода мисли шеърҳои Рўдакиву Турсунзода содаву фаҳмову барҷастаанд. Ҳангоми шиносоӣ бо китобҳои шеърии ў «Насими Бухоро», «Хати пешона», «Шукуфаҳои Бухоро», «Нафаси баҳор», «Намози рўйи барг», «Арзи сипос», «Куллиёти осор» (дар чаҳор ҷилд), «Паёме аз Бухоро» ба ин гуфта боварӣ ҳосил менамоед.

Таркиби луғавӣ ва қабатҳои лексикии ашъори шоирро пеш аз ҳама вожаҳои умумиистеъмолӣ ва омиёна ташкил медиҳанд. Дар шеърҳои бачагона калимаҳои ҳамқофияи оҳангдор, ҷумлаҳои саволии риторикӣ бештар ба назар мерасанд. Асад Гулзода байни мардуми ориётабори кишварҳои Ўзбекистон, Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Африқо ва ғайра ҳамчун шоири хурдсолону наврасон шуҳрат пайдо кардааст.

Ў дар ҳар як байту сатр бо забони хоси хурдсолон ва наврасон ҳарф мезанад. Қаҳрамонҳои ашъори ў бачаҳои хешзеҳну ҳозирҷавоб ва нуктасанҷу нуктадонанд. Онҳо гоҳ бо падару модар, бобову модаркалон, холаву амма, амаку тағо, бародару хоҳар ва инчунин бо худи шоир мубодилаи афкор менамоянд. Шоир бо ёрии шеърҳояш ба назари хонанда гоҳ дар сурати дўсти ҳамсинну сол, гоҳ бародари меҳрубон, гоҳ падари раҳнамо, гоҳ бобои насиҳатгў ва гоҳ шахси некфол намоён мегардад.

Шоир пеш аз ҳама ба яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ, хусусан ба интихоби ном ва номгузории тифли навзод эътибор медиҳад. Ў хоҳони он аст, ки волидон дар номгузории фарзанд бефарқ набошанд. Ба «ҷигаргўша» номҳои зебову дилнишин интихоб намоянд.

Шоир дар шеъри 14 сатраи «Номгузорӣ»-и худ нақл менамояд, ки ҳангоми тифли навзод ақрабонаш назди бобо омада, бо маслиҳат ба кўдак номи Ҳилоларо интихоб мекунанд. Ҳилола яке аз номҳои хоси духтарона мебошад. Агар аз таркиби номи мазкур садоноки «а» ихтисор гардад, он гаҳ дар шакли «Ҳилол» номи яке аз писарон, агар бо ҳарфи хурд навишта шавад, шакли моҳи нави серўзаро ифода мекунад. Қамар, бадр, ҳилол вожаҳои ҳаммаъноянд. Дар адабиёти бадеӣ ва нутқи поэтикӣ шахси абрўҳояш ба шакли моҳи нопурра монандро ҳилолабрў мегўянд:

*Модарҷонам фарзанд дид*
*Муждаашро ҳам шунид.*
*Кўдаке буд, чӣ зебо,*
*Дилкашу ҳам дилрабо.*
*Нусхаи модарам буд,*
*Хушрў чу хоҳарам буд.*
*Дасту рўро мо шустем*
*Исми муносиб ҷустем.*
*Масъаларо бобоям*
*Бобои пурдуоям,*
*Оқибат ҳал намуданд*
*Ҳилола ном ниҳоданд.*
*Исмаш ба ҷисмаш монанд*
*Гуфтаву дуо хонданд.*

Дар шеъри «Шаҳзода» ва «Фалсафаи кўдак» масъалаи парҳез аз талаффузи нодуруст, мушаххасу дақиқ гуфтан ба миён гузошта шудааст.

(Давомаш дар саҳ.4).




*Дар ҷевони китоб*

# УМРИ Ӯ ДАРАХТИ ТӮСРО МЕМОНД

***Чанде пеш ба забонҳои русиву ӯзбекӣ китобе бо номи «Дарахтон то баҳор сарсабзанд», ки ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии сиёсатмадори бузург, аз охирин роҳбарони даврони шӯравии Ӯзбекистон Рафиқ Нишонов бахшида шудааст, рӯйи чопро дида буд. Инак, ҳамзабонони мо низ метавонанд аз ин китоб баҳраманд шаванд: хотираҳое, ки худи муаллиф ба журналистони номии Русия Марина Завада ва Юрий Куликов нақл кардааст, аз тарафи Аслиддин Қамарзода ва Тоҷибой Икромов ба тоҷикӣ тарҷума шуд, ки «Akademnashr»-и Тошканд бо 1000 нусха чоп кард. Муҳаррири китоб Раҳимҷон Султонов аст.***

Китоб бе сабаб «Дарахтон то бӯрон сарсабзанд» номида нашудааст. Муаллифон умри қаҳрамони асарро ба дарахти тӯс нисбат додаанд, ки: «...то сардиҳои қаҳратун низ баргҳояшон намерезад ва ҳатто то тӯфонҳои шадид низ сарсабз мемонад. Онҳо мӯъҷизаанд. Чунин одамон ҳам ҳастанд. Ҳаёти ин дунёро ба сар бурдаанд, лекин то дами марг хубанду хубтаранд».

Рафиқ Нишонов умри дароз дид. Ӯ 15 январи соли 1926 дар деҳаи Ғазалкенти ноҳияи Бӯстонлиқи имрӯза ба дунё омада, 11 январи соли равон аз олами ҳастӣ чашм пӯшонд. Дар давоми ин умри бобаракот корҳои зиёдеро анҷом дод, ки мардум фазилатҳои неки инсонӣ, саховатпешагӣ, таҳаммулпазириву хайрхоҳии ӯро солҳои зиёд фаромӯш нахоҳанд кард. Инчунин, солҳое, ки Нишонов вазифаи роҳбарии Ӯзбекистонро бар зимма дошт, барои миллатҳое, ки дар ин сарзамин умр ба сар мебурданд, хайрхоҳиҳои фаромӯшнашаванда кард. Аз ҷумла, ба воситаҳои ахбори оммавӣ, ба хусус ба рӯзномаи «Овози тоҷик» ғамхориҳои зиёд кард, бо дастгирии ӯ дар чандин вилоят рӯзномаҳои тоҷикӣ ва дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ саҳифаҳои тоҷикӣ кушода шуда буданд.

Дар китоб асосан хотираҳои Нишонов дар бораи Л. Брежнев, А. Громико, Ш. Рашидов, Е. Фурсева, М. Горбачёв, Е. Примаков, А. Яковлев, А. Собчак, С. Лавров, шоҳи Ӯрдун Ҳусейн, сарвазири Шри-Ланка С. Бандаранаика ва ғайра, ки бо тақозои фаъолияти сиёсӣ бо онҳо кор кардааст, нақл мешавад.

Вақте бо воқеаҳои китоб якояк шинос мешавем, қаҳрамони ӯ ба назар ҳамчун нависандаи боистеъдод намоён мегардад. Масалан, дар тасвири табиати ватан ӯ ибораи «Бурҷимуллои заррин»-ро истифода бурдааст, ки бо ҳамин як ибора зебоиҳои ин макон ба назари хонанда пурра ҷилвагар мешавад...

Ӯ ҳанӯз хурдсол асту барои кумак ба модар бо апааш Анор бо сатили пур об мекашонад, аз оби зулолу ширини зодгоҳ меошомад ва ба таърифи манзараҳои бетакрори силсилакӯҳҳои Тёншону Чоткол шурӯъ мекунад, ки гӯё хонанда ҳамаи онро навакак бо чашмони худ дида бошад.

Рафиқ Нишонов дипломати ҳақиқӣ буд, ки ин аз муносибатҳои ӯ бо роҳбарони Иттифоқи Шуравӣ, Ӯрдуну Шри-Ланка ва бурдбориҳои ӯ дар вазъиятҳои ҷиддии сиёсӣ гувоҳӣ медиҳад.

Хуллас, дар китоб воқеаҳои зиёди хонданибоб, аз ҷумла, сабаби ба вуҷуд омадани «кори пахта», рӯй ба харобӣ овардани баҳри Арал, таназзули Иттиҳоди Шуравӣ ва ғайра тасвир шудаанд, ки хеле мароқангез аст.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Барф, офтоб ва кӯҳҳои муҳташам, ҳамаи ин дар мусобиқаҳои дӯстдорони бозиҳои зимистона, аз ҷумла сноуборд, ки дар ҳудуди истироҳатгоҳи ҳамамавсимии «Amirsoy Resort»-и ноҳияи Бӯстонлиқ баргузор шуд, ҷамъулҷамъ буд. Дар мусобиқае, ки ба анъана табдил ёфтааст, беш аз 300 нафар, ҳам навомӯзон ва ҳам варзишгарони ботаҷрибаи синну солашон гуногун, аз ҷумла аз кишварҳои хориҷи дуру наздик ширкат варзиданд.*

*– Баргузор кардани чунин мусобиқаҳо ва тамошоҳои варзишӣ тарғиби хуби тарзи солиму фаъоли ҳаёт ба шумор меравад, – мегӯяд директори тиҷоратии «Amirsoy Resort» Даврон Ниёзов. – Хелҳои зимистонаи варзишро бояд ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ кард, ба онҳо ҷавононро ҷалб намуд, барои ин шароитҳои мусоидро фароҳам овард.*

*– Ман ба хелҳои варзиши кӯҳӣ, инак беш аз 20 сол боз рағбат дорам, – гуфт роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Golden Pages» Лайло Абдуллоева. – Барои худ сноубордро интихоб кардаам ва аз ин пушаймон нестам. Шароити табиии кӯҳистони Чимён имкон медиҳанд кас дар ин ҷо аз моҳи ноябр то ибтидои апрел бо ин намуди варзиш машғул шавад.*

*Бинобар ҷамъбасти мусобиқа ба иштирокдороне, ки натиҷаҳои беҳтаринро намоиш доданд, аз ҷумла Даря Шеламонова, Георгий Бакиев ва дигарон ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ супурда шуданд.*

***Суратгир: Р. ГАЛИЕВ.***

# ӮЗБЕКИСТОН ВА ПОЛША БА АНҶУМАНИ РЕКТОРОНИ ДУ МАМЛАКАТ ТАЙЁРӢ МЕБИНАНД

***Моҳи апрели соли равон дар Тошканд анҷумани ректорони мактабҳои олии Ӯзбекистон ва Полша, ҳамчунин конфронси ҳарсола бинобар рейтинг ва ҳамкории байналхалқии байни мактабҳои олӣ «IREG-2023: Рейтинги академӣ» баргузор мешавад.***

Масъалаҳои ташкил додани чорабиниҳои зикршуда дар ҷараёни вохӯрии сафири Ӯзбекистон дар Полша Баҳром Бобоев ва президенти Оҷонсии байналхалқии рейтингии IREG дар Варшава Валдемар Савинский баррасӣ шуданд.

Роҳбари оҷонсии рейтингӣ эътибори Ӯзбекистонро, ки ба низоми таълими олӣ нигаронида шудааст, ҳамчунин соҳаи тайёркунии кадрҳоро баланд арзёбӣ кард. Бинобар суханони ӯ сифати таълими олӣ дар мамлакати мо ба меъёрҳои баландтарини ҷаҳонӣ мусоидат менамояд, дар он ҳамзамон ҳувиятҳои миллӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Дар вохӯрӣ таъкид шуд, ки ҳоли ҳозир ҳайати беш аз 30-нафараи ректорон ва профессорони мактабҳои олии Полша бо сарварии раиси Шӯрои ректорони донишгоҳҳои Полша Анҷей Мелчик ташаккул мeёбад, ки дар Анҷумани ректорони мактабҳои олии Ӯзбекистон ва Полша иштирок хоҳад кард. Воқеаи мазкур мавриди рағбати ҳар ду ҷониб қарор гирифтааст ва мувофиқи муоҳидаи пешакӣ бо Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсияи Ӯзбекистон баргузории чорабинӣ 25 апрели соли равон пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон масъалаи гузаронидани конфронси ҳарсола бинобар рейтинг ва ҳамкории байналхалқии байни мактабҳои олии «IREG-2023: Рейтинги академӣ» 27-28 апрел дар Тошканд муҳокима шуд. Чорабинии мазкур барои ба низоми рейтингҳои академии IREG ворид гардидани мактабҳои олии Ӯзбекистон такон мебахшад. Интизорӣ меравад, ки дар конфронс аъзои IREG, ректорони мактабҳои олии Канада, Бразилия, Олмон, Нидерландия, Венгрия, Руминия, Полша, Чин, Сингапур, Туркия, Арабистони Саудӣ, Қатар, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иштирок мекунанд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ВАРШАВА.*



(Аввалаш дар саҳ.3).

*Ба муносибати 90-солагии Асад Гулзодаи Бухорой*

# ЗАБОН ВА УСЛУБИ АШЪОРИ ШОИР

*Яке Шаҳзода гӯяд,*
*Дигар Озода гӯяд.*
*Шумо гӯед бачаҳо,*
*Духтару писарчаҳо.*
*Чаро ба як кас ду ном,*
*Ё бошад кори момом?!*
*– Аз афташ Озода аст,*
*Озодаву тоза аст ...*
*Кӯдакеро бидидам*
*Исми ӯро пурсидам,*
*Фурсате нагузашта*
*Ҷавоби ӯ шунидам:*
*Ҳоло Шералӣ гӯянд*
*Чизи дигар нагӯянд.*
*Фардо калон мешавам*
*Шояд Алишер гӯянд.*

Ҳангоми талаффузи «иғо», «иға», «да-да», «на-на», «був», «бу-ва», «ҷи-ша», «ги-ша» пеш аз ҳама падару модар ва инчунин хешовандон хурсанд мешаванд. Аз ин гуна ҳолат, хусусан, ҳангоми гуфтани калимаҳои на-на, да-да, бо-бо, мо-мо, ма-ма, ал-ла аз ҷониби наберааш Шабнам шоир шод гаштааст. Бо суханони «Ғамро ҳаргиз набинад», «Умри чинорро бинад» набераашро дуо кардааст.

*Шабнами меҳрубонам*
*Ширинтар аст аз ҷонам.*
*Тоза забон барорад*
*Забони ширин дорад.*
*Модарро «Нана», гӯяд*
*Падарро «Дада», гӯяд,*
*Маро «Бобо» мегӯяд*
*Бибиро «Момо» гӯяд.*
*Хӯрокро «Мама» гӯяд*
*Хоб ояд «Алла» гӯяд*
*Ҳарфҳоро чида, гӯяд*
*Занги дилро бишӯяд.*
*Чу ғунчаи хонадон аст*
*Шодии хандон аст.*
*Ғамро ҳаргиз набинад*
*Умри чинорро бинад.*

Вожаи «Бухоро» дар эҷодиёти шоир серистеъмол аст, онро дар аввал, мобайн ва охири порчаҳои шеърӣ истифода бурда, ҳадаф ва матлабро некандешона изҳор менамоянд.

*Эй Бухоро, кӯчаҳову боғу*
*роғат дилкушо,*
*Шоҳрӯду Масҷиду Арку*
*Манорат дилрабо ...*

***

*Эй Бухоро, сархати номам*
*туӣ,*
*Эй Бухоро, шаҳд дар комам*
*туӣ.*
*Обу хокат доруву дармони*
*ман,*
*Он ҳумои бахт бар бомам туӣ.*

***

*Ту шаҳри фозилонӣ,*
*эй Бухоро,*
*Ту шаҳри шоиронӣ,*
*эй Бухоро!*
*Ту ҳасти маркази илму*
*амалҳо,*
*Ту шаҳри олимонӣ,*
*эй Бухоро!*

Бухороро ҳамчун шаҳри қадим, шаҳри шоирон, шаҳри олимон, шаҳри фозилон, шаҳри гулрухон, шаҳри булбулон, шаҳри ошиқон, шаҳри дилписанд, шаҳри бегазанд, шаҳри ҷовидон, шаҳри бостонӣ, шаҳри тоҷикон, давлати ҳар ду ҷаҳон, маркази мулки Хуросон ва ғайра ситоиш ва таараннум менамояд.

*Савлатам Ӯзбекистон!*
*Давлатам Ӯзбекистон!*

***

*Аё шаҳрам, Душанбеи*
*дилоро,*
*Барои ман ту ҳастӣ чун*
*Бухоро...*

***

*Самарқандам, Самарқандам,*
*Ту кони шарбату қандам...*

***

Навбати доир ба микротопонимҳои ашъори шоир мухтасар ҳарф задан расид. Номи маҳалҳои хурд, гузару кӯчаҳо макротопонимҳои ашъори шоирро ташкил медиҳад. Ин гурӯҳи топонимҳо на он қадар зиёданд. Шоир дар яке аз шеърҳо дар кадом деҳ ба дунё омаданашро мушаххас хотирнишин менамояд. Аз матни шеър ва гуфтаҳои шоир равшан мегардад, ки ӯ дар деҳаи Шавгон ба дунё омадааст. Шавгон номи яке аз мавзеъҳои тоҷикнишини ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро ба шумор меравад. Давраи бачагӣ ва наврасиву ҷавонии шоир дар он деҳ гузаштааст. Дар шеъри «Зодгоҳам деҳаи Шавгон» маълумотҳои этнографию ҷуғрофӣ муҷассам гардидааст. Дар матни шеър ду микротопоним ба назар мерасад. Яке вожаи Шавгон, дигаре Ҷӯйи Тайлоқ.

*Зодгоҳам,*
*Деҳаи Шавгони ман,*
*Сарпаноҳу маскани*
*мардони ман...*

***

*Ҷӯйи Тайлоқ*
*Манбаи оби равон...*

Микротопоними дигар номи деҳаи Садриддин Айнист. Соктаре яке аз номҳои ноҳияи Шофиркони вилояти Бухорост. Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» қайд менамояд, ки ӯ давраи бачагиашро дар ҳамин деҳа ва инчунин дар шаҳри Бухоро гузаронидааст. Микротопоними Соктаре дар асарҳои Садриддин Айнӣ нисбати дигар микротопонимҳо бисёртар вомехӯрад. Он дар ашъори шоир Асад Гулзодаи Бухорой ҳамчун унвони шеър ба назар мерасад.

Микротопоними дигар деҳаи яке аз пирони Бухоро, пешвои тариқати нақшбандия Ҳазрат Баҳоуддин мебошад. Сарчашмаҳои динӣ ва дунявӣ далолат медиҳанд, ки Ҳазрат Баҳоуддини Нақшбанд соли 718 ҳиҷрӣ (1318 милодӣ) дар деҳаи Қасри Ҳундувони вилояти Бухоро ба дунё омадааст. Деҳа бо мурури замон номи «Қасри Орифон»-ро гирифтааст. Зиёратгоҳи Ҳазрат Баҳоуддини Нақшбанд дар ин деҳа ҷой гирифтааст. Шоир Асад Гулзода навиштааст:

*Деҳае бо номи*
*«Қасри Орифон»*
*Дода буд пешвои динро*
*бар ҷаҳон...*

Хулоса, Асад Гулзодаи Бухорой дар жанрҳои гуногуни шеърӣ қувва озмуда, дар корбаст ва интихоби калимаҳо имконияти забони адабии тоҷикро ба эътибор гирифтааст. Шеърҳои кӯдаконаи ӯ ба китобҳои дарсӣ ворид шудаанд. Умед аст, ки дар Бухоро дари мактабҳои тоҷикӣ боз мешаванд ва аз шеърҳои шоир, мисли дигар кӯдакон, хурдсолони Бухорои Шариф низ баҳра мегиранд.

**Таваккал ЧОРИЕВ,**
**номзади илмҳои**
**филологӣ, профессор.**
**Суратгир: Т. ХОВАРӢ.**

# ЭЪТИРОФИ ХИДМАТҲОИ ХОВАРШИНОС

***Дар Донишгоҳи давлатии Бухоро анҷумани илмию маърифатӣ ба муносибати тақдимоти китобҳо ва асарҳои тарҷумавии корманди калони илмии Институти шарқшиносии ба номи А. Берунии Академияи илмҳои Ӯзбекистон, доктори илмҳои таърих Комилҷон Раҳимов «Таърихи тасаввуф дар Мовароуннаҳр», «Тариқати Хоҷагон-Нақшбандия ва «Ҳафт пир», «Бухоро – шаҳри «қуббат-ул-ислом», инчунин «Рӯзгори валиён», «Хатм-ул-авлиё», «Макорим-ул-ахлоқ», «Васиятнома», «Орифнома» баргузор гардид.***

Ба тадбир ректори ДДБ, доктори илмҳои иқтисод, профессор Обидҷон Ҳамидов ибтидо гузошта, шогирди муносиби ҳамин даргоҳ ва мояи ифтихори аҳли ин ҷамоа будани Комилҷон Раҳимовро таъкид кард. Ӯ инчунин, хидматҳои арзандаи олими ҷавонро бобати омӯхтан, тарҷума карда дастраси умум гардондани мероси гаронбаҳои бузургони тасаввуф, тариқати Хоҷагон-Нақшбандия ва пеш аз ҳама, ақидаҳои фалсафию ахлоқии «Ҳафт пир»-и Бухоро гуфта гузашт.

Сипас, навбат ба гузоришҳои олимони кафедраи забон ва адабиёт оид ба фаъолияти илмию эҷодӣ, мундариҷаю моҳият ва хусусиятҳои ба худ хоси асарҳои Комилҷон Раҳимов расид. Ҳозирон дар ин бора маърӯзаҳои доктори илмҳои филология, профессор Дилшод Раҷабов, дотсент Шавкат Ҳаитов, профессор Назора Бекова, доктори илмҳои филологӣ, Маърифат Раҷабова ва дигаронро шуниданд.

Қисми навбатии тадбир «Китобҳо ва тарҷумаҳои Комилҷон Раҳимов аз нигоҳи донишҷӯ» ном дошта, дар он донишҷӯёни курси дуюми равияи филология ва таълими забонҳо ақидаҳои худро баён карданд.

Дар охир К. Раҳимов ба саволҳои зиёди иштироккунандагони тадбир ҷавоб дод.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

# БА УСТОД АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОЙ

*Паёме аз Бухоро мерасонад.*
*Ба лаҳни бас гуворо мерасонад.*

*Ба кулли порсигӯёни дунё,*
*Саломе аз дили мо мерасонад.*

*Муҳаббатномаи табъи латифаш,*
*Аҷаб ширину зебо мерасонад.*

*Суханҳои булӯринаш ба тамкин.*
*Ба сад тафсиру маъно мерасонад.*

*Дурахши қатрае аз Мӯлиён аст,*
*Дили худро ба дарё мерасонад.*

*Канад бо килки заррин нақби ашъор.*
*Гуҳар аз баҳри фардо мерасонад.*

*Намоде аз Бухорои Шариф аст,*
*Каломи нағзу воло мерасонад.*

**Илҳоми НАСАФӢ.**

# БУРДУ БОХТИ САЙЁҲӢ

***Баланд бардоштани салоҳияти сайёҳӣ яке аз вазифаҳои муҳим мебошад, ки имрӯзҳо дар назди мутасаддиёни соҳа қарор дорад. Президент аз рӯзҳои аввал барои рушду инкишофи ин соҳа диққату эътибори ҷудогона нигаронид. Ба амал татбиқ сохтани лоиҳаҳои нав, бунёд намудани меҳмонхонаҳо, дар дурдасттарин деҳаҳо ҳам барои пазироии меҳмонони чи дохиливу чи хориҷӣ, сайёҳон шароити мусоид ба вуҷуд оварданро ба масъулон, роҳбарони идораву муассисаҳо, ҳокимон мушаххас дастур дода буд.***

Охир, ин кор аз як тараф ба аҳолӣ фоида орад, аз сӯи дигар барои бо шуғл бандкунӣ заминаи хубест. Дар ин ҷода чӣ гуна муваффақиятҳо ба даст омаданду чӣ бохте дорем?

Дар толори бинои ҳокимияти вилоят муовини ҳоким, сардори Сарраёсати сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ Синдор Раҳмонқулов барои рӯзноманигорон бобати корҳое, ки соли 2023 дар вилоят дар соҳаи сайёҳӣ, фарҳанг, мероси маданӣ ва коммуникатсияҳои оммавӣ ба амал бароварда мешаванд, нишасти матбуотӣ гузаронд.

Мавсуф аввал дар хусуси корҳое, ки тӯли соли 2022 амалӣ гардиданд, чанд ҳарф зад.

– Дар давоми соли 2022 ба туфайли таъсис додани 19 кемпинг, 7 меҳмонхона, 32 хонамеҳмонхонаҳои оилавӣ, 9 ҳостел (ҷамъ 67-то), 821 ҳуҷра ва дар он беш аз ду ҳазору сад ҷой ба вуҷуд омаданд, – гуфт ӯ.

– Алҳол дар қаламрави вилоят 427-то объекти мероси фарҳангӣ мавҷуд буда, аз ин 268-тояш ёдгориҳои археологӣ, 100-то ёдгориҳои меъморӣ, 59-тои дигар намунаҳои монументалӣ маҳсуб меёбанд, – ба суханаш идома дод Раҳмонқулов.

Маълум аст, ки дар давоми солҳои 2016–2022 баҳри истироҳату фароғати мардум як андоза ғамхорӣ зоҳир гардид: боғҳои истироҳативу фароғатӣ таъсис ёфтанд; иншооти зиёд рӯи таъмири мукаммалро диданд; дар ҳаёти фарҳангӣ падидаи нек ба вуҷуд омад; марказҳои фарҳангӣ қулаиҳоро соҳиб гардиданд.

То имрӯз дар ҳудуди вилоят 12 маркази фарҳанг намои замонавӣ гирифт. Дар ҳамаи онҳо шароити хуб ва қулай барои фаъолияти дастаҳои ҳунарӣ, гузаронидани тадбирҳои фарҳангӣ муҳайё карда шуд.

Назар ба таъкиди ӯ барои дар соли 2023 рушду инкишоф додани сайёҳӣ дар маҳаллаи «Дуоба»-и ноҳияи Зомин, «Ӯхм», «Дӯстӣ», «Сайёд» ва «Учқулоч»-и Фориш, «Зарафшон» ва «Бахтли»-и ноҳияи Арнасой «харитаи роҳ» ба тасвиб расидааст. Ба ғайр аз ин, қад-қади Даҳлези нақлиёти сайёҳӣ (шоҳроҳи автомобилгард) дар ноҳияҳои Шароф Рашидов ва Ғаллаарал фаъолияти корвонсаройҳои замонавӣ ба роҳ монда шуд.

Дар ҷодаи сайёҳӣ оиди ба амал татбиқ намудани 46 лоиҳа пешниҳод карда шудааст, ки дар маҷмӯъ 2 миллиарду 29 миллион сӯм арзиш доранд. Дар сурати амалӣ сохтани он 1700 ҷойи нави корӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар фарҷоми нишасти матбуотӣ рӯзноманигорон бо суолҳо муроҷиат намуданд. Миёни онҳо муҳимтаринаш марбут ба масъалаҳои таъмири босифати роҳҳо, иваз намудани сутунчӯбҳо ба бетонӣ, беҳ сохтани корҳои коммуникатсионӣ дар маҳаллаи «Ӯхм»-и ноҳияи Фориш буданд, ки айни ҳол вазъи воқеӣ ба эътирози ҳақиқии сокинони ин маҳал сабаб гардидаанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4668 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.